Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, х. Рудакӣ, 17).

**Тақриз**

**ба автореферати рисолаи илмии Куганов Неъмат Камолович дар мавзӯи "Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди бахши давлатии иқтисодиёти Тоҷикистон" ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – назарияи иқтисодӣ (илмҳои иқтисодӣ) пешниҳод шудааст.**

Рушди институтсионалии бахши давлатии иқтисодиёт бо назардошти истифодаи оқилонаи усулҳою механизмҳои гуногуну такмилёфта, низоми идоракунию танзими давлатии равандҳои иқтисодию иҷтимоиро дар ҷумҳурӣ самаранок мегардонад. Қобили қайд аст, ки хусусиятҳо ва тамоюлҳои рушди бахши давлатии иқтисодиёт неру ва имкониятҳои давлатро барои расидан ба ҳадафҳои иқтисодию иҷтимоӣ, аз ҷумла баландбардории сатҳи зиндагии аҳолӣ муайян ва муаррифӣ менамоянд. Нақшу аҳамияти бахши давлатии иқтисодиёт дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ низ муҳим арзёбӣ мегардад. Яъне мавҷудияту муҳимияти ин бахш ва рушди институтҳои онро аксари муҳаққиқон қабул доранд. Аммо дар мавриди андозаҳои ин бахш ва дараҷаҳои таъсири институтҳои давлатӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ олимони гуногун ва мактабҳои илмӣ назарҳои мухталиф доранд. Мавҷудияти тамсилаҳои гуногуни рушди бахши давлатии иқтисодиёт дар мамолики рушдкарда ва сохтори институтсионалию идоракунии онҳо далели гуфтаҳои боло мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ имрӯзҳо дар марҳилаи интихоби модели конкретии рушди бахши давлатии иқтисодиёт, бунёду такмили институтҳою механизмҳои идоракунию танзими самараноки он қарор дорад.

Дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди истиқлолияти давлатӣ ба ин масъала диққати махсус зоҳир карда шуд.

Муаллиф дар ин самт кӯшиш намудааст, ки асосҳои назариявии ин масъаларо мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Таҳлилҳои муаллиф нишон медиҳанд, ки масъалаҳои зиёди вобаста ба ташаккул ва рушди бахши давлатии иқтисодиётро аз лиҳози методологӣ асоснок намудан зарур аст ва барои амалияи иқтисоди миллии кишвар тавсияҳои асоснок ва манфиатовар манзур гарданд.

Бояд қайд намуд, ки автореферат бо дарназардошти муваффақиятҳои ноилгашта дар он камбудиҳо низ ҷой доранд, ки онҳоро бояд қайд намуд:

1. Дар автореферат расми 9 тавсифи бахши давлатии иқтисодиёт ба таври пурра вазифаҳои бахши давлатии иқтисодиёт муайян карда нашудааст.

2. Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ низ дида мешаванд.

Эродҳои гуфташуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии тадқиқоти илмии муаллифро коҳиш намедиҳад ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кор гуфта шудаанд.

Ҳамин тавр метавон гуфт, ки автореферати илмии Куганов Неъмат Камолович дар мавзӯи “Асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди бахши давлатии иқтисодиёти Тоҷикистон” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – назарияи иқтисодӣ (илмҳои иқтисодӣ) пешниҳод шудааст ба ҳамаи талаботҳои Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01. – назарияи иқтисодӣ (илмҳои иқтисодӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ**
**дотсенти кафедраи молияи**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав** **Холназаров М. Ҳ.**

**Имзои н.и.и. дотсент Холназаров М. Ҳ-ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори ШК** **Амиршоев А.А.**

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ» ШУЪБАИ КАДРҲО